## Хулоса

Комиссияи экспертӣ Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-O15 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146 www.ajagroun.tj) доир ба қабули диссертатсияи Бекназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи «Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз мӯҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони марказӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Дар асоси супориши Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур протоколи №44 аз 20 октябри соли 2020 комиссия дар ҳайати доктори илмҳои кишоварзӣ, аъзои вобастаи Академияи илмҳои кишоварзӣ Тоҷикистон Саидзода Саидҷамол Тоҷидин (раис), доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Тошпулотов Муҳаммади Мамадкулович, (аъзо) ва номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Қурбонова Барно Абдуғаниевна (аъзо) рисолаи илмӣ, автореферат, маводҳои ибтидоӣ ва мақолаҳои илмии унвонҷӯй- Бегназаров Давлатманд Бобошоевичро аз назар гузаронида, ба чунин хулоса омад:

### Асоноккунии қабули рисола ба ҳимоя

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои пешбурди иқтисодии миллӣ ва зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолиро дар доираи яке аз ҳадафҳои асосии стратегӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ таҳрезӣ намуда, онро амалӣ гардонида истодааст.

Барои амалӣ гаштани барномаи стратегӣ яке аз масъалаҳои асосӣ – ин тақвият бахшидан ба корҳои илмию тадқиқотии аз нуқтаи назари иқтисодӣ самарабахш, ҷорӣ намудани навигариҳои илман асоснoки муосир, ҳамгироии илму истеҳсолот ва татбиқи дастовардҳои илмӣ мебошад. Танҳо бо роҳи истифодабарии оқилонаву самараноки обу замин афзоиши истеҳсоли маҳсулотҳои ғизоии ватании рақобатпазир ва ҷавобгӯ ба меъёру талаботҳои байналмилалӣ амнияти озуқаворuи кишвар таъмин карда мешавад. Парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ баъд аз ҷамъоварии зироати ҷав аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо равғани истеъмолии ватанӣ ба қадри имкон таъмин намуда, хосилхезии хокро баланд бардошта барои рушди соҳаи чорводорӣ низ аҳамияти ғизоӣ дорад. Аҳолии ҷумҳурӣ аз ҳисоби равғани ватанӣ ҳамагӣ 28% таъмин мебошад, ки ин яке аз муаммоҳои асосии норасоии равғани истеъмолӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Унвонҷӯй дар шароити Тоҷикистони марказӣ – усулҳои агротехникии

парвариши чормағзи заминиро дар кишти ангорӣ омӯхта, элементҳои технологияи парваришро такмил дода илман асоснок намудааст.

Ҳамаи ин муҳимияти мавзӯъи интихобшудаи тадқиқоти диссертатсионӣ, инчунин моҳияти илмӣ ва муҳимияти амалӣ доштани онро тасдиқ менамояд.

**Навгонии илмӣ**. Тадқиқот дар солҳои 2012-2014 гузаронида шудааст. Бори аввал дар шароити заминҳои обёришавандаи Тоҷикистони Марказӣ, технологияи парвариши чормағзи заминӣ, аз ҷумла мӯҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар кишти ангорӣ таҳқиқ карда шуд, ки ба рӯёнидани ҳосили фаровони дон, анбӯҳи сабз ва истеҳсоли равғани истеъмолии ватанӣ равона гардидааст.

**Аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот**

Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳрои дар шароити заминҳои обии минтақаи Ҳисор мӯҳлати мусоиди кишт ва зичии муътадили чормағзи заминӣ тахия гардид, ки рӯёнидани 3,3т/га ҳосили ғилофакҳо, 20т/га анбӯҳи сабз ва 0,9т/га равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд.

Мӯҳлати мусоиди кишт ва зичии муътадили чормағзи заминӣ, ки дар ҷараёни тадқиқот тахия гардидааст, дар хоҷагии таҷрибавии «Зироаткор» ва хоҷагии таҷрибавии «Зарнисор»-и шаҳри Ҳисор дар майдони 3,0 га мавриди амал қарор дода шудааст.

**Оиди дар рисола набудани иқтибосу маводҳои рӯйбардоркардашуда, ки ишораи муаллифӣ надоранд.**

Унвонҷӯй аз натиҷаи тафтиши мавод оиди набудани иқтибосҳою маводҳои рӯйбардоркардашуда, ки ишораи муаллифӣ надоранд, маълумотнома пешниход кардааст.

Ин маълумотнома аз тарафи шахси тафтишкунанда н. и. к. Боймуродов Р. Б. – сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур имзо карда шудааст.

Хулосаи натиҷаҳои асосии диссертатсия ва тавсия оид ба истифодабарии амалии он дар истеҳсолоти кишоварзӣ илман асоснок буда бо далелҳо тасдиқ карда шудаанд.

1. Диссертатсия мувофиқи талаботҳои Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардида, тахия карда шудааст. Ташхиси аввалияи диссертасия дар институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузаронида

шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи байни шуъбаю озмоишгоҳҳои Институт муҳокима гаштааст. (суратҷаласаи № 2 аз 06.04. 2020 )

Хулоса мусбӣ буда, ба кори илмӣ баҳои объективӣ дода шудааст.

2. Кори диссертатсионӣ ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгуй мебошад. Он, кори илман асосноки ба итмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти сохавӣ дошта ба шумор меравад.

Натиҷаҳои асосӣ ва муқарраротҳои кори илмии пешниҳодгардида дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илми – амалии ҳайати олимон ва кормандони илмӣ Институти зироаткории АИКТ (солҳои 2012-2014) пешниҳод гардида, қобили дастгирӣ шудаанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни кори диссертатсионии Бегназаров Давлатманд Бобошоевич аз рӯйи шаҳодатнома ба ихтисоси 06.01.01- зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, инчунин ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.
4. Натиҷаҳои илмии ба дастомада, хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ дар 6 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Шумораи маводҳои чопӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда мувофиқат мекунад.
5. Ҳангоми таҳияи кори диссертатсионӣ оид ба истифодаи адабиётҳо ва дигар маводҳо бо нишондоди манбаи бадастомада риоя карда шудааст.
6. Кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаҳои нави илмии ба талаботи ҳимоя ҷавобгуй мебошад, ки аз саҳми муаллифи кори диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳад.
7. Талаботи низомномаи намунави оид ба Шӯрои диссертатсиониро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд, ки ба диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич таъин карда шаванд:

   **а) ба сифати муқарризони расмӣ: Эргашев Абдуллоҷон** – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи растанӣ ва биотехнологияи Донишгохи миллии Тоҷикистон.

**Ҳафизов Абдуносир Абдукаримович** – номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири кафедраи Агротехнологияҳои нав ва амнияти озуқавории Донишгоҳи давлатии Дангара

**б) ба сифати муассисаи пешбар**: Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734017, ш. Душанбе, кучаи Карамов, 27 тел: (+99237) 918633344 вако. 76@mail.ru

Чоп ва ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи дар назардошта ва автореферати диссертатсия дар сомонаи интернетии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Нашркунонии автореферат иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия**:

доктори илмҳои кишоварзӣ,
аъзои вобастаи АИКТ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Саидзода С.Т.

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор, аъзои шӯрои диссертатсионӣ Тошпулотов М. М

номзади илмҳои кишоварзӣ,
мудири кафедраи растанипарварии
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонова Б. А.

04 - ноябри соли 2020